# НАЗМ

## Ҷунбиши бузург

Ҳаргиз надидӣ дидаи бедорон
Такрор дар табиату дар таърих.
Ҳар фасл ранги тозатаре дорад,
Ҳар рангро ҳазор дигаргунӣ,
Ҳар шоми тира ҳам саҳаре дорад.

Дарьёи шаб — мушавваш,
Киштӣ ба ҷанги мавҷ,
Тӯфон шадид буд.
Дар хезиши бузург хатар буд, умед буд.
Ногоҳ боди бодиягарде фаро расид,
Киштӣ фурӯ нишаст.

Бовар кунем бо ҳам,
Киштӣ шикастанист,
Киштии мо зи кӯшиши пайваста хаста нест,
Бо мавҷҳо ситезаду бархезад,
Пайвандаш аз савоҳили равшан гусаста нест.

Киштӣ шабонарӯз
Дар ҷустуҷӯи роҳи раҳоии дигар аст.
Бовар кунем бо ҳам,
Киштии сарбаланд
Дар нури бомдодии фардо шиновар аст.

Ояд навои ҷангии рангинкамон ба гӯш,
Бас рангҳо ки байни сиёҳу сафед ҳаст,
Дар ҷунбиши бузург зафар ҳаст, умед ҳаст.

## Портибонус *

Ин бандари булӯри дурахшон
Чун моҳи нав ба ҳолаи симин
Дар соҳили Мидитаронаи** обӣ.

Пушташ ба кӯҳу рӯш ба дарьё,
Бо нахлҳои тираи сарсабз
Чун қомати занони сияҳпӯст
Ороста ба зевари гулҳо.

**Жола**



Эй кош, Дон Кихот
3-он пештар ки рафта ба олам сафар кунад,
Бо навкари гурусна аз ин ҷо гузар кунад,
То луқмае ба ӯ диҳаду ҷуръаи шароб.

Эй кош, Дон Кихот,
Ин ташнаи сароб
Бар он зани такидаи танҳо назар кунад,
Бар сангфарши сарди хиёбон нишаста шаб,
Дасташ дарозу навгули навбоваш ба бар...

Испониё,
Савоҳили сеҳрофарини ту
Ҳарчанд ҷои хушгузаронист,
Меодгоҳи айши ҷаҳонист.
Ҳарчанд Кормени ту фиребост,
Рақси ту ҷилвагоҳи ҳунарҳост,
Шеъру таронаҳот хушоҳанг.

Кӯҳе хамӯши пой дар банд,
Маҳрум аз озодии парвози парандаст.

Боди баҳорон дар вазишҳо,
Амвоҷи дарьё дар ҷаҳишҳо,
Он гавҳари волои инсонии мо
Дар ҷунбиши созанда зиндаст.
Ҳар субҳдам вақте ки хуршеди фурӯзон
Сар баркашад аз домани обии офоқ,
Ҳар зарраи заррину ҳар тори талоиш
Як гул занад ба синаи хок.

Бонги саҳаргоҳон ба гӯш ояд зи ҳар сӯ,
Бедор шав, инсон,
Ки бедоранд афлок.

## Ба ҷавонон

Ман аз хушунати шеърам ба танг омадаам,
Ки сангвораи ҳар вожааш хурӯшон аст,
Ки рӯҳи ҳар нафасаш бонги хашму исьён аст,
Ки тамъи зиндагии талхи насли ман дорад.
На шӯри шодии ишқу на лаззати дидор,
На атри боди баҳорон, на ҷилваи гулзор,
На нури нуқраии моҳ дар шаби маҳтоб,
На рақси нилии нулуфарон ба домани об
Ва саҳнаҳои табиат аҷаб тамошоист.
Чӣ кас кунад инкор,
Ки рӯҳи инсон муштоқи ишқу зебоист?

Ту, эй ҷавони шукуфон,
Ту, эй ҳамешабаҳор,
Агар ки хушк бувад шеъри ман, ба оташ каш,
Мабод дасту диламро бисӯзад он оташ,
Ки ман сурудаву сӯзондаам саросари умр
Ва ҳар шарора, ки сӯхт,
Ҳазор шӯълаи дигар ба синаам афрӯхт.

То чашм кор мекунад ин ҷо,
Киштӣ канори киштии дигар.
Ин коҳҳои нури шиновар,
Ишратсарои вижаи аъён,

Шабҳо чу мешаванд чароғон,
Гӯй фуруд нишаста ба дарьё
Он Каҳкашони дури дурахшон.

Киштинишастагон,
Онҳо ки шодмона ба соҳил расидаанд,
Оё зи боди шӯрташон хабаре ҳаст?
Оё зи дардмандии ҳиҷрон
Ҷони ғамину чашми таре ҳаст?
Аз ошьёни сӯхтааш дур,
Мурғи шикастаболу паре ҳаст?
Бандар бувад шукуфта зи дидор,
Дастони ёр бар камари ёр,
Зеборухони дӯшу бар урьён,
Бо синаҳои ғарқи бирильён,
Дар ресторану майкадаву бор.
Ҳар кас сараш ба шонаи зебои дилбарест,
Ҳар гӯша ранги дигару оҳанги дигарест.

---

* Номи шаҳре дар ҷануби Испания
** Баҳри Миёназамин

* * *

Испониё,
Эй марзи бостонии фарҳанг!
Эй кишвари ҳамосаву пайкор!
Қурбониёни роҳи раҳой
Ҳастанд зери хоки ту бисьёр.
Бисьёртар ба рӯи заминат
Озодагони ҷон ба каф астанд,
Пуршӯру пурталошу шикебо.

Испониё,
Таърихи ту ба тундару тӯфон
Оғушта ҳамчу мавҷ ба дарьё.

## Бонги саҳар

Бо он ки ҷонам ошиқи кӯҳи баланд аст,
Бо сад ҳазорон сол умри устувораш,
Ҳаргиз намехоҳам, ки як дам кӯҳ бошам,
Бе шодию андӯҳ бошам,

## Рӯҳи сабзи баҳор

Аз кадомин ситора пайки баҳор
Ба замин омадӣ чунин гулбор,
Ки дару дашту боғу саҳроро
Аз шукуфа ситораборон кард
В-аз дарахтони арғувон афрӯхт
Машъали сурх бар сари кӯҳсор.

Чу табиат зи нав ҷавонӣ кунад,
Мурғи рангини орзумандӣ
Нағмахон дар дил ошьёна кунад.
Ёди дидорҳои ёру диёр
Дилу ҷонро пур аз тарона кунад.

Мезанад ҷор рӯҳи сабзи баҳор,
Бишканад он дарахти хушкеро,
Ки дигар дархури шукуфтан нест.
Аз баҳорон замин шуда бедор,
Чашм бикшой вақти хуфтан нест,
Навбаҳор асту мавсими дидор.

## Эҷоди ҷавонон

### Турсунмурод Бобоев

## Шукрона

Агар рӯзе ба чашми ман расад чашмат,
Ҳазорон шукр мегӯям,
Ки чашмам лоиқи дидори ёрам шуд.

Агар рӯзе ба дасти ту расад дастам,
Ҳазорон шукр мегӯям,
Ки дастам дар муҳаббат дастьёрам шуд.

Агар хуршед болои сарам хандад
Дар айёми гули Наврӯз,
Ҳазорон шукр мегӯям,
Ки ҳастам бо Ватан имрӯз,
Ки ҳастам бо Ватан пирӯз...

## Хатти сабз

Ман баҳорам,
Шохаҳоям сабзу пургул,
Ҳамнавоям кабку булбул.

Ман баҳорам,
Ман баҳорам.
Шохаҳоям сабз аз набзи заминанд,
Навниҳолонам арӯси нозанинанд.

Сабзаву гулғунчаҳои пуштаҳоям
Нақҳатам дар хонаҳои барҳавост
Ҳаврҳои абрҳоям дар ҳавост.
Рӯдҳои орзуям дар хурӯш аст,

Ин замон чун дилбари ман
Роз дорад, ноз дорад дил бари ман.